# ХУЛОСАИ НИҲОИИ
## Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-061 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 15.09.2023, №8

Барои сазовор донистани Раҳимзода Қурбоналӣ Назар, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илми таърих

Диссертатсияи Раҳимзода Қурбоналӣ Назар дар мавзуи «Ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – таърихи илм ва техника (илмҳои таърих) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-061-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» (воқеъ дар суроғаи 735140, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми июли соли 2022, таҳти 201/шд) 26-уми майи соли 2023, суратмаҷлиси №5 ба ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Раҳимзода Қурбоналӣ Назар 10 июли соли 1989 дар ҷамоати деҳоти Гулистони ноҳияи Восеи вилояти Хатлон дар оилаи деҳқон таваллуд шудааст. Соли 2007 ба Донишкадаи технологияи инноватсионӣ ва коммуникатсионии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2009 ба Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон гузашта, соли 2013 онро аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқи тиҷоратӣ хатм карда, ба ӯ касби ҳуқуқшинос дода шудааст. Аз соли 2014 то соли 2016 дар ҳайати Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмати ҳарбиро адо намудааст. Моҳҳои сентябр-октябри соли 2016 ба ҳайси нозир-ҳуҷҷатнигор, менеҷери идораи ҳукумати электронӣ дар кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Данғара» ифои вазифа намуда, соли 2016 ба тариқи интиқол ба вазифаи ассистенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Данғара гузашта, то соли 2021 фаъолият кардааст. Соли 2021 иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедраи фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ таъин гардида, моҳи октябри ҳамон сол ба таври интиқол ба вазифаи мудири кафедраи ҳамоҳангсозии фаъолияти таълимӣ дар таҳсилоти фосилавӣ гузаштааст.

Солҳои 2018-2022 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи идораи давлатӣ ва таърихи умумии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Данғара» аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – таърихи илм ва техника (илмҳои таърих)

фаъолият намуда, зери роҳбарии доктори илмҳои таърих, профессор Расулиён Қ.Р. ба корҳои илмӣ машғул гардидааст.

Кори илмӣ дар кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии Данғара омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Расулиён Қаҳҳор Расул – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Мушовири илмӣ:** Шамсудинов Файзулло Мамадуллоевич – доктори илмҳои физикаю математика, дотсенти кафедраи таҳлили математикӣ ва муодилаҳои дифференсиалии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

**Муқарризони расмӣ:**

**1. Қурбонов Баҳром Раҳмонович** - доктори илмҳои таърих, профессор, ноиби ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам-Абуҳанифа.

**2. Раҳимова Шаҳноза Каримовна** - номзади илмҳои таърих, сардори Раёсати илм ва инноватсияи Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – МТД «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ», дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи таърихи халқи тоҷик, номзади илмҳои таърих Суфиев С.Н. ва доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷик Абдуллоев М.Х. ва номзади илҳои таърих Сафаров Х.Х. ва бо имзою муҳри ректори муассиса доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. пешниҳод шудааст, қайд шудааст, ки диссертатсияи номзадии Раҳимзода Қурбоналӣ Назар дар мавзуи «Ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII» ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника (илмҳои таърих) сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи таърихи илм ва техника буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф

кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 12 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин 6-тоаш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М] Раҳимзода, Қ.Н. Инъикоси таърихи ҷаҳон дар осори муаррихони асрҳои XI-XII тоҷик / Қ.Н. Раҳимзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – № 7 – С. 130-133.

[2-М] Раҳимзода, Қ.Н. Осори илмии Умари Хайём / Қ.Н. Раҳимзода. Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2020. – №5(88). – С. 274-279.

[3-М] Раҳимзода, Қ.Н. Саҳми донишмандони тоҷик дар рушди астрономияи асрҳои XI-XII / Қ.Н. Раҳимзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – № 5. – С. 60-69.

[4-М] Раҳимзода, Қ.Н. Давраи таҳаввулот дар таърихи фалсафаи тоҷик / Қ.Н. Раҳимзода // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2021. – №3 (92). – С. 263-268.

[5-М] Расулиён, Қ.Р., Раҳимзода, Қ.Н. Густариши доираи забон ва адаби форс-тоҷик дар асрҳои XI-XII / Қ.Р. Расулиён, Қ.Н. Раҳимзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – № 5. – С. 44-54.

[6-М] Раҳимзода, Қ.Н., Расулиён, Қ.Р., Шамсудинов, Ф.М. Нақши Умари Хайём дар рушди илми математика ва астрономия / Қ.Н. Раҳимзода, Қ.Р. Расулиён, Ф.М. Шамсудинов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2022. – №2/4 (105). – С. 112-116.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. **Тақризи** Ҳотамов Намоз Басарович - доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи фанҳои ҷамъиятшиносии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, тақриз мусбат буда, дар он як эрод гирифта шудааст: дар автореферати диссертатсия хатоиҳои техникӣ, имлоӣ ва услубӣ мавҷуд мебошанд.

2. **Тақризи** Муродов Сайфулло Сафарович – номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи фанҳои ҷомеашиносии МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон», тақриз мусбат буда, эрод гирифта нашудааст.
3. **Тақризи** Назарзода Ҷумахон Шамс – номзади илмҳои таърих, мушовири директори Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии ш. Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз», тақриз мусбат буда, эрод гирифта нашудааст.
4. **Тақризи** Исмоилов Ёдгор Ҳофизович – номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи методикаи таълими таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, тақриз мусбат буда, эрод гирифта нашудааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ:**

- унвонҷӯ Раҳимзода Қурбоналӣ Назар тавъам бо иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ бо истифода аз назария ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии роиҷ ба омӯзиши ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII ва муайян кардани мавқеи олимони ин давраи халқамон пардохта, кори илмии аз нигоҳи таърих арзишмандро **ба анҷом расонидааст;**

- дар таърихнигории тоҷик бори аввал доир ба нақши ниҳодҳои илмию таълимии асрҳои XI-XII дар такомули илмҳои гуногун таҳқиқоти густарда **сурат гирифтааст;**

- саҳми донишмандони риштаҳои илмҳои табиатшиносӣ дар рушди илмҳои нуҷум, риёзиёт, тиб ва ғайра **муайян карда шудааст;**

- хидмати донишмандони тоҷик дар тараққӣ додани илмҳои ҷомеашиносӣ аз қабили таърих, фалсафа ва ғайра **нишон дода шудааст;**

- таъсири осори донишмандони тоҷик ба донишмандони кишварҳои гуногуни олам **инъикос гардидааст.**

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки** хулосаҳои диссертатсия ва маводи он метавонанд дар таҳқиқи таърихи ҳамин давра, инчунин барои анҷом додани таҳқиқоти нав дар омӯзиши таърихи давраи асримиёнагии тоҷик, ҳамчунин, дар дарсҳои лексионӣ ва амалии фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор гирад.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ аз афкори назарӣ ва таҷрибаҳои илмии донишмандону ховаршиносони маъруфи ватанию хориҷӣ, аз ҷумла, С. Айнӣ, Б. Ғафуров, М. Диноршоев, Н. Амиршоҳӣ, А. Мухторов, М. Илолов, А. Комилӣ, Б. Қурбонов, Монук Монукиён, Н. Кисоӣ, Ҳасан Содики Самарҷонӣ,

Забеҳулло Сафо, Е.С. Кеннеди, А. Метс, З. Ҳунка, Ҷ. Сартон, Г.П. Матвиевская, Б.А. Розенфелд, А.Н. Григорян, М.М. Рожанская, Т. Кристиан ва дигарон истифода шуда, андеша ва дастовардҳои илмии онҳо ҳамчун заминаи назарии таҳқиқот корбурд гардидаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар асоси методҳои таърихӣ-муқоисавӣ, тавсифӣ-таҳлилӣ, таҳлилӣ-оморӣ ва ғайра навишта шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд, ки** натиҷаву хулоса ва маводи илмии диссертатсия дар таҳқиқи амалии таърихи илмии асрҳои XI-XII халқи тоҷик қобили истифодаанд. Мавод ва масоилу натиҷагириҳои алоҳидаи диссертатсияро дар навиштани китобҳои дарсӣ, дастурҳову васоити таълимӣ, мураттаб сохтани барномаҳои дарсӣ, таҳияи лексияҳо оид ба таърихи халқи тоҷик, курс-семинарҳо, курси махсус метавон истифода бурд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки** дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарияи таърихшиносони ватанию хориҷӣ истифода шудааст. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқ будани маълумот, басандагии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқотӣ ва ҳаҷми интишорот бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷа ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд. Тарҳ, баррасӣ ва коркарду таҳлили мавзуи диссертатсионӣ маҳсули фаъолияти чандинсолаи муаллиф мебошад. Саҳми фардии муҳаққиқ дар омӯзиш ва баррасии масъалаҳои ба мавзуи диссертатсия бахшидашуда, мустақилона навиштани диссертатсия, иштироки бевосита дар масъалагузориҳои мавзуӣ, таҳқиқоти назариявӣ, амсиласозӣ, барномарезӣ, баргузории озмоишҳои педагогӣ, таҳлил ва хулосабароориҳои ҷамъбастӣ ифода ёфтааст.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-061-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз 15 сентябри соли 2023 дар бораи сазовор донистани Раҳимзода Қурбоналӣ Назар ба дараҷаи илмии номзади илми таърих қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 8 нафар, аз ҷумла 5 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника иштирок доштанд.

Дар овоздиҳӣ 8 нафар иштирок намуд. Аз 8 нафар аъзои ба ҳайати шурои диссертатсионӣ шомилбуда овоз доданд: тарафдор – 8 нафар, муқобил нест, бетараф нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои физика-математика,
профессор Комилӣ А.Ш.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ Болтаев М.А.